# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «30» октябр соли 2019 №209 ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 13 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (17.06.2016, №504) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 012 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25.09.2019, протоколи №3 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика ба Муродов Каримҷон Насимович аз ихтисоси 01.01.01 – Таҳлили математикии ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ, аз рӯйи натиҷаи ҳимояи диссертатсия дар мавзӯи «Среднеквадратическое приближение функций суммами Фурье-Бесселя» бинобар риоя накардани талаботи бандҳои 12, 19, 48 Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика ба Муродов Каримҷон Насимович рад карда шавад.
3. Баррасии такрории ҳимояи диссертатсияи Муродов К.Н. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика тибқи муқаррарот баъд аз 6 моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиш иҷозат дода шавад.

4. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 012 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон огоҳонида шавад.

5. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи расмии КОА ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси КОА Комилиён Ф.С. гузошта шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ.

Раис А. Розиқзода